**Тахрири 03**
**Аз 24-уми сентябри 2024**

**ШАРТНОМАИ**
**СУРАТҲИСОБИ БОНКИИ АМОНАТИИ “ОЗОД”**
**БАРОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ**
(ОФЕРТАИ ОММАВӢ)

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Бонки Эсхата”** минбаъд “Бонк” номида мешавад, аз як тараф ва Шахси воқеӣ, ки минбаъд **“Амонатгузор”** номида мешавад аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ “Тарафҳо” ва дар алоҳидагӣ “Тараф” номида мешаванд, Шартномаи мазкурро бо шартҳои зерин бастанд:

## 1. ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

1.1. Шартномаи мазкур офертаи оммавӣ ба ҳисоб рафта тавассути сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com**, барномаи мобилии Эсхата онлайн, дар воҳидҳои сохтории бонк (бо яке аз ин роҳу усулҳо) ҷойгир ва пешниҳод карда мешавад. Аксепти шартномаи мазкур аз ҷониби Амонатгузор, ин ба Бонк дар шакли қоғазӣ бо имзои шахсӣ пешниҳод намудани шакли аз тарафи Бонк муқарраршудаи Ариза-дархост (замимаи №1) ё дар шаклӣ электронӣ тариқи барномаи мобилии Эсхата онлайн бо имзои электронии одӣ тасдиқ намудани Ариза-дархост оид ба кушодани суратҳисоб ва қабули Шартномаи мазкур (офертаи оммавӣ) мебошад.
1.2. Бо хоҳиш ва талаби Амонатгузор матни Шартномаи мазкур метавонад, ба Амонатгузор бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда шавад. Амонатгузор метавонад ҳаргоҳ тариқи барномаи мобилии “Эсхата онлайн” бо Шартнома шинос шавад.
1.3. Аксепти пешниҳоди оммавӣ наметавонад бо тартиби дигаре анҷом дода шавад, ба ғайр аз талаботҳое, ки Шартномаи мазкур пешбинӣ намудааст.
1.4. Ариза-дархост аз лаҳзаи аз ҷониби шахси масъули Бонк қабул намудан ва дар он қайд оид ба қабул шудан гузоштан ё тариқи барномаи мобилии Эсхата онлайн фиристода шудан, далели баста шудан ва ҳамроҳ шудан ба Шартномаи мазкур мебошад. Нусхаи Ариза-дархост бо қайди Бонк ҳангоми зарурият бо хоҳиши Амонатгузор ба ӯ пешниҳод карда мешавад.
1.5. Маҳалли басташудани шартнома, маҳалли ҷои қайди Бонк ва ё воҳидҳои сохтории он, ки ба Амонатгузор суратҳисоб кушодааст, ба ҳисоб меравад.

## 2. ИСТИЛОҲОТ ВА ИХТИСОРҲО

**Ариза-дархост**– дархост оид ба кушодани суратҳисоби бонкӣ ва ҳамроҳ шудан ба Шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии “Озод” (офертаи оммавӣ), ки шакли он аз ҷониби Бонк муқаррар карда шудааст ва аз ҷониби Амонатгузор тибқи тартиби муқаррааргардида имзо (бо имзои электронии одӣ тасдиқ шудааст) карда шудааст (Замимаи №1);
**БМТ –** Бонки миллии Тоҷикистон;
**Суратҳисоби бонкӣ –** суратҳисоби бонкии Амонатгузор бо пули миллӣ, ки дар Бонк кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии муштарӣ инъикос мегардад;
**Тарофаи Бонк (Тарофаи амалкунанда) –** ҷадвале, ки дар он нархи хизматрасонии Бонк ҷойгир карда шудааст;
**Эсхата Онлайн** – бонкдории мобилӣ, ки бо истифодаи воситаҳои барномавию техникӣ ва телекоммуникатсионӣ барои гузаронидани амалиёти бонкӣ, гирифтани иттилоот оид ба бақияи маблағ дар суратҳисоби бонкӣ ва амалиёти гузаронидашуда, ба Амонатгузор (дорандаи бонки мобилӣ) дастрасии фосилавиро ба суратҳисоби бонкии ӯ имконият медиҳад.
**Имзои электронии одӣ (ИЭО) –** Логин ва ПИН-код ё парол, ки аз тарафи Амонатгузор ҳангоми мушахасскунӣ дар барномаи мобилии Эсхата онлайн ва тасдиқи шартномаи мазкур ва замимаҳои он истифода мешавад.
**Воҳидҳои сохтории Бонк –** Идораи амалиётӣ, Филиалҳо.

## 3. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

3.1. Мутобиқи шартномаи мазкур Бонк тибқи дархости Амонатгузор бо асъори миллӣ-сомонӣ суратҳисоби амонатӣ минбаъд “Суратҳисоб” мекушояд. Амонатгузор ба Бонк маблағҳои пулии худро ба муҳлати номуайян мегузорад, Бонк бошад ин маблағҳои пулиро ба суратҳисоб қабул менамояд.

Шартномаи мазкур барои дигар суратҳисобҳое, ки минбаъд кушода мешаванд танзимкунанда ҳисобида шуда, барои кушодани онҳо дархости Амонатгузор кифоя аст.

3.2. Рақами суратҳисоб аз ҷониби Бонк муқаррар карда шуда, дар ҳомили қоғазӣ ва ё электронӣ ба Амонатгузор пешниҳод карда мешавад. Маблағҳои пулии ба суратҳисоб қабулшуда дар суратҳисоби бонкӣ, ки дар Ариза-дархост зикр карда шудааст, нигоҳ дошта мешаванд.

## 4. ШАРТ ВА ТАРТИБИ ПЕШ БУРДАНИ СУРАТҲИСОБ

4.1.Маблағҳои пулӣ ба суратҳисоб тариқи нақд ё ғайринақдӣ қабул карда мешаванд.
4.2. Маблағи ҳадди ақали аввала чунин муқаррар карда шудааст:
- барои кушодани суратҳисоб тариқи ташриф овардан ба бонк на камтар аз 10 (Даҳ) сомонӣ;
- барои кушодани суратҳисоб тариқи барномаи мобилии Эсхата онлайн на камтар аз 1 (Як) сомонӣ.
4.3. Дар ҳолати аз ҷониби Амонатгузор гирифтани маблағи пули аз суратҳисоб, бақияи маблағи пули дар суратҳисоб набояд аз 10 (Даҳ) сомонӣ кам бошад (бақияи камнашаванда). Дар сурати аз ҷониби Амонатгузор пурра талаб карда гирифтани маблағи пули, суратҳисоб баста мешавад.
4.4. Ба бақияи маблағи пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда, фоизҳо аз рӯи ҳисоби **8 % (ҳашт фоиз)**-и солона, бо тарҳи андоз аз манбаи пардохт мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоб карда мешавад. Меъёри фоиз ба бақияи маблағҳои дар суратҳисоб буда метавонад аз ҷониби Бонк бо 10 (Даҳ) рӯзи тақвимӣ пеш огоҳ намудани Амонатгузор, тағйир дода шавад.
4.5. Фоизҳои ҳисобшуда дар аввали ҳар моҳи баъди моҳи хисоботи ба бақияи маблағи суратҳисоб ҳамроҳ карда мешаванд.
4.6.Фоизҳо ба бақияи маблағҳои дар суратҳисоб мавҷудбуда, аз санаи воридшудани маблағи пули ба суратҳисоб ҳисоб карда мешаванд. Барои ҳисоб намудани фоизҳо ҳамчун замина 365 (Сесаду шасту панҷ) рӯз дар як сол ва миқдори рӯзҳои тақвимӣ дар як моҳ гирифта мешавад.
4.7.Маблағи суратҳисобро зиёд кардан мумкин аст. Зиёд намудани маблағи суратҳисоб аз тарафи шахси сеюм дар доираи талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ иҷозат дода мешавад. Мухлати зиёд намудани маблағи суратҳисоб номаҳдуд мебошад.
4.8.Ба маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда бо қарори (таъиноти) суд ё қарори хадамоти иҷро, инчунин дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳабс гузошта шуданаш мумкин аст. Ҳангоми ҳабс намудани маблағҳои пулии дар суратҳисоб буда, гузаронидани амалиёт дар доираи маблаğе, ки ҳабс карда шудааст, қатъ мегардад.
4.9.Маблағҳои ба суратҳисоб ворид ё интиқол додашуда, набояд бо фаъолияти тиҷоратӣ алоқамандӣ дошта бошанд.
4.10.Ҳаққи хизматрасонӣ барои ворид намудани маблағҳо тариқи нақдӣ ва ё ғайринақдӣ ва аз суратҳисоб гирифтани маблағҳои мазкур, тибқи Тарофаи амалкунандаи бонк муқаррар карда мешавад.
4.11.Амонатгузор метавонад маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбударо ба суратҳисоби шахси сеюм дар ҳолати зерин гузаронад:
- бо пули миллӣ – сомонӣ ба сураҳисоби бонкии дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон.
4.12.Маблағҳои дар суратҳисоб мавҷудбуда моликияти Амонатгузор мебошанд ва Амонатгузор онҳоро бо хоҳиши худ ихтиёран, дар чорчӯбаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад.
4.13.Дар ҳолати мавҷудият ё пайдоиши уҳдадориҳои Амонатгузор дар назди Бонк ва расидани муҳлати иҷрои ин уҳдадориҳо, Бонк ҳуқуқ дорад, маблағҳои пулиро аз суратҳисоб бе розигии Амонатгузор бо тариқи беаксептӣ ситонад.
4.14.Аз рӯи дархости Амонатгузор, маблағи пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда аз рӯи қурби хариду фурӯши асъори Бонк, дар рӯз ва вақти гузаронидани амалиёти бонкӣ, ба асъори дархостшуда мубаддал карда мешавад.
4.15. Дар ҳолати ба суратҳисоби Амонатгузор ворид шудани маблағҳои пулии аз асъори суратҳисоб фарқкунанда, онҳо бо қурби муқаррар намудаи Бонк, ки ба лаҳзаи (вақти) воридоти маблағ амал мекард мубодила гашта ба суратҳисоб ворид мешаванд.
4.16. Амонатгузор метавонад дар ҳар кадом вақт бо қурби расмии аз тарафи Бонк муқаррар гардида дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ва ё **барномаи мобилии "Эсхата онлайн"** шинос шавад.

## 5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ БОНК

**5.1. Бонк ҳуқуқ дорад:**
5.1.1 Ҳаққи хизматрасонии бонкиро тибқи Тарофаи амалкунандаи Бонк, барои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, аз суратҳисоб ситонад.
5.1.2. Дар ҳолати аз тарафи Бонк ё шахсони сеюм ва ё ҳолатҳои дигар ба суратҳисоб саҳван (хато) ворид шудани маблағҳои пулӣ, бидуни супориши (бе розигии) Амонатгузор ва ё мактуби иловагии ӯ, маблағи саҳван (хато) воридшударо аз суратҳисоб барорад.
5.1.3. Яктарафа ба Шартномаи мазкур тағйироту иловаҳо ворид намояд ва оид ба он (аз он ҷумла, оид ба мавриди амал қарор гирифтани чунин тағйиротҳо) на дертар аз **10 (Даҳ)** рӯзи тақвимӣ то мавриди амал қарор гирифтани тағйироту иловаҳо ба Амонатгузор маълумот диҳад. Маълумоти мазкур тариқи аз тарафи Бонк дар лавҳаҳои иттилоотии бонкӣ, смс-хабардоркунӣ, занги телефонӣ ва ё тавассути почтаи электронӣ фиристодани лоиҳаи

шартнома ба Амонатгузор, ҷойгирнамоии таҳрири нави шартнома дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ва ё барномаи мобилии “Эсхата онлайн” (бо истифодаи яке аз ин роҳу усулҳо), пешниҳод карда мешавад.
5.1.4. Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин амалиётро аз рӯи суратҳисоб боздошт намояд:
а) агар Амонатгузор аз азнавсозии маълумотҳои мушаххаскунӣ саркашӣ намояд;
б) агар муайян гардад, ки Амонатгузор ба Бонк оиди худ ва фаъолияти хеш маълумотҳои нопурра ва бардурӯғ пешниҳод намудааст, ки ба нуфузи Бонк таъсири манфӣ мерасонад;
в) агар Амонатгузор аз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи амалиёт ва аҳдҳо саркашӣ намояд, агар уҳдадории пешниҳоди ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда бошад;
г) агар аз ҷониби Бонк дар амалиёт/аҳдҳои гузаронидаи Амонатгузор номувофиқатӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ муайян карда шавад;
д) агар Бонк амалиёт/аҳдҳои бо мақсади қаллобӣ, саркашӣ аз расмиёти санҷиши зарурии Амонатгузор ё дигар вайронкуниҳои сиёсат ва расмиёти дохилии Бонк, аз ҷониби Амонатгузор содиршударо ошкор намояд.
3.1.4. Бонк то пурра анҷом ёфтани чараёни санҷиши дахлдор, ҳуқуқ дорад бе огоҳии пешакӣ муносибатҳои кориро қатъ намояд, амалиётҳои алоҳида ё ҳамаи амалиётҳоро, ки дар доираи шартномаи мазкур иҷро мегарданд, иҷро накунад, инчунин дар ҳолати аз тарафи Амонатгузор саркашӣ кардан аз санҷиши дахлдори пешбинӣ намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии бонк, муносибатҳои кориро қатъ намояд.
3.1.5. Бонк ҳуқуқ дорад иҷрои супориши/ фармоиши Амонатгузорро дар бораи анҷом додани амалиёт ё аҳдҳо, ки оид ба онҳо ҳуҷҷатҳо пешниҳод карда нашудаанд ё маълумоти нодуруст барои сабти маълумот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии бонк пешниҳод карда нашудаанд, рад намояд.
3.1.6. Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолати ошкор шудани кирдорҳои коррупсионӣ аз тарафи Амонатгузор, аз номи ӯ ва ё ба манфиати ӯ, муносибатҳоро бо Амонатгузор қатъ намояд.
**5.2.Бонк уҳдадор аст:**
5.2.1. Маблағҳои пулии воридшударо қабул ва ба суратҳисоб дохил намуда, супориши Амонатгузорро дар бораи анҷом додани амалиёти барои чунин навъи суратҳисоб пешбинишуда анҷом диҳад;
5.2.2. Аз рӯи дархости Амонатгузор, оид ба бақияи маблағи пулӣ дар суратҳисоб, бо пардохти ҳаққи хизматрасонӣ аз рӯи Тарофаи Бонк, ба Амонатгузор маълумотнома пешниҳод намояд.
5.2.3. Бо дархости Амонатгузор, иқтибос аз суратҳисобро дар ҳомили қоғазӣ ва ё электронӣ пешниҳод намояд.
5.2.4. Ворид намудани маблағҳои пулиро ба суратҳисоби бонкии Амонатгузор ва ё хориҷ намудани маблағҳои пулиро аз суратҳисоби бонкии Амонатгузор, на дертар аз рӯзи гирифтани ҳуҷҷати дахлдори пардохт амалӣ намояд, агар бо қонун ё шартномаи байни Бонк ва Амонатгузор мӯҳлати дигар пешбинӣ нашуда бошад.
5.2.5. Бо дархости аввали Амонатгузор (ба истиснои ҳолати дар банди 12.2.- Шартномаи мазкур пешбинӣ шуда) оид ба гирифтани маблағи пулии амонатӣ, ҳамаи маблағ ё қисми онро баргардонад, агар маблағи амонатӣ ба сифати таъминоти гарав гузошта нашуда бошад ё дар шартнома тартиби дигар қайд нашуда бошад.

## 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ АМОНАТГУЗОР

**6.1. Амонатгузор ҳуқуқ дорад:**
6.1.1. Амалиётҳои бонкиро бо суратҳисоб, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, гузаронад.
6.1.2. Аз Бонк пешниҳоди иқтибос аз суратҳисоб ва маълумотномаро талаб намояд.
6.1.3. Маблағҳои дар суратҳисоб бударо, тариқи нақдӣ аз воҳиди сохтории Бонк гирад ва ё тариқи ғайринақдӣ ба дигар суратҳисоб интиқол намояд.
6.1.4. Аз Бонк иҷрои уҳдадориҳоро талаб намояд.
**6.2. Амонатгузор уҳдадор аст:**
6.2.1. Дар ҳолати аз тарафи Бонк ба Амонатгузор пешниҳод намудани маълумотнома оид ба бақияи маблағи пулӣ дар суратҳисоб, ҳаққи хизматрасониро аз рӯи Тарофаи Бонк пардохт намояд.
6.2.2. Дар ҳолати иваз шудани насаб ё ном, шаҳрвандӣ, тағйири ҷои истиқомат ва маълумотҳои шиноснома ва ҳамчунин дигар маълумотҳое, ки барои иҷрои Шартномаи мазкур алоқамананд, тариқи хаттӣ Бонкро дар давоми то 1 (Як) моҳ аз лаҳзаи ба миён омадани чунин ҳолатҳо хабардор намояд.

## 7. КАФОЛАТИ МАБЛАҒИ ПУЛИИ СУРАТҲИСОБ

7.1.Бонк баргардонидани маблағҳои пулиро аз рӯи суратҳисоб бо тамоми дороиҳояш кафолат медиҳад.
7.2. Дар ҳолати муфлисшавии Бонк баргардонидани амонатҳои бонкӣ аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон дар ҳаҷм ва тибқи тартиботи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” сурат мегирад. Маълумот оиди суғуртаи амонату пасандозҳо дар Замимаи №2 оварда шудааст.
7.3.Кафолати маблағҳои пулии суратҳисоб аз рӯи тартиб, ҳаҷм ва шартҳои мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

## 8. МАХФИЯТ

8.1. Маълумоте, ки ҳангоми бастан ва ё иҷрои шартномаи мазкур маълум мегарданд, махфӣ ҳисобида мешаванд ва набояд бе розигии хаттии тарафи дигар ба шахси сеюм расонида шавад ва ё бо мақсади баромадан аз чорчӯбаи матлаби шартномаи мазкур истифода бурда шаванд.
8.2. Бонк махфӣ нигоҳ доштани сирри суратҳисоб ва маълумотҳоро оид ба Амонатгузор мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад ва ба шахсони сеюм паҳн намекунад, ба истиснои ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда.

## 9.ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

9.1.Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ аз рӯи Шартномаи мазкур, Тарафҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.
9.2.Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз рӯи Шартномаи мазкур дар холати ба амал омадани ҳолатҳои ғайричашмдошт (амалиётҳои ҷангӣ, офатҳои табиӣ ё дигар ҳолатҳо, ки ҳамчун зери таъсири ҳолатҳои дар боло номбаршуда воқеъбуда эътироф шудааст) Бонк ҷавобгар намебошад.
9.3.Далелҳои мавҷуд будани ҳолатҳои ғайричашмдошт ва давомнокии он, ҳуҷҷатҳое ба ҳисоб мераванд, ки аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд.
9.4. Дар сурати дер ё нодуруст ба Суратҳисоби Амонатгузор гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Бонк бояд барои ҳар рӯзи таъхир ба Амонатгузор аз рӯи маблағи муҳлати пардохташ батаъхирафтода мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима диҳад.
9.5. Амалиётҳое, ки аз сабаби беаҳмиятӣ ва бемасъулиятии Амонатгузор, аз он ҷумла хабардор накардан ҳангоми тағйир ёфтани мушахассот (рақами телефон, суроға, маълумотҳои ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият) ба миён меоянд, Бонк ҷавобгар нест.
9.6. Амонатгузор барои зараре, ки ба Бонк дар натиҷаи риоя накардани талаботҳои шартномаи мазкур расонида шудааст дар ҳаҷми пурраи зарари ба Бонк расонидашуда, барои маълумоти нопурра ва носаҳеҳ, ки ба Бонк пешниҳод кардааст, ба таъхир гузоштани пардохти маблағи қарздорӣ (овердрафти техникӣ) дар назди Бонк дар ҳаҷми маблағи пардохтнашуда, ҷавобгар мебошад.
9.7. Тарафҳо уҳдадоранд, ки талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия”-ро бе чунну чаро риоя намояд. Тарафҳо огоҳ ҳастанд ва тасдиқ менамоянд, ки барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ ҷавобгариҳои интизомӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ вуҷуд дорад.
9.8. Ҳар як тарафи шартномаи мазкур кафолат ва тасдиқ менамояд, ки бо мақсади бастани шартнома ва амали он, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, ягон намуди имтиёз ва ё дигар намуди молҳои арзишнок пешниҳод/талаб/ваъда надодааст. Тарафҳо дар давоми амали шартномаи мазкур ва баъд аз он ҳам уҳдадоранд чораҳои заруриро барои содир нашудани кирдорҳои коррупсионӣ андешанд.

## 10. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

10.1 Дар ҳолати аз ҷониби кормандони Бонк, саривақт иҷро накардан, дағалона рафтор намудан ва дигар кирдорҳое, ки ба пастшавии сифати хизматрасонӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои Амонатгузор оварда мерасонад, Амонатгузор метавонад тариқи рақами **808** ва ё почтаи электронии **shikoyat@eskhata.tj** ба Бонк муроҷиат намояд.
10.2. Ҳамаи масоили баҳсӣ ё ихтилофоти назар, ки аз иҷроиши қисмҳои дахлдори Шартномаи мазкур бармеоянд, бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал карда мешаванд.
10.3. Дар ҳолати бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал нашудани баҳсҳо, тарафҳо метавонад нисбати тарафи дигар тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суд муроҷиат намоянд.

## 11. МУҲЛАТИ АМАЛ, ТАРТИБИ ТАҒЙИР ВА ҚАТЪ КАРДАНИ ШАРТНОМА

11.1. Шартномаи мазкур аз санаи аксепт шудан аз ҷониби Амонатгузор баста шуда ба ҳисоб меравад ва то қатъ шудани он амал менамояд.
11.2. Амали шартномаи мазкур дар чунин ҳолатҳо қатъ карда мешавад:
11.2.1. Бо созиши тарафҳо;
11.2.2. Тибқи аризаи Амонатгузор, дар ҳолати набудани уҳдадории қарздорӣ дар назди Бонк ва ё инчунин дар ҳолати бо тағйироти шартномаи мазкур розӣ набудани ӯ;
11.2.3. Бо ташаббуси Бонк, дар ҳолати аз ҷониби Амонатгузор вайрон шудани шартҳои Шартномаи мазкур, бо роҳи 10 (даҳ) рӯз пеш аз амали қатъкунии Шартномаи мазкур тариқи хаттӣ ё бо роҳи ирсол намудани СМС-паём ба рақами телефон, ё фиристодани СМС-PUSH тариқи барномаи мобилии “Эсхата онлайн” Амонатгузорро огоҳ намудан;
11.2.4. Бо ташаббуси Бонк дар ҳолате, ки агар маблағи суратҳисоб аз маблағи ҳадди ақал (бақияи камнашаванда) кам бошад, бе пешаки огоҳ намудани Амонатгузор;
11.2.5. Дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст.

11.3. Ҳангоми дар вақти қатъ кардани Шартномаи мазкур мавҷуд будани амалиётҳои нотамоми баҳснок, Бонк ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи баҳснокро ба муҳлати зарурӣ то қабул кардани қарори ниҳоӣ, мавқуф гузорад.
11.4. Дар ҳолати қатъ шудани шартномаи мазкур, агар дар суратҳисоб бақияи маблағҳои пулӣ боқи монда бошад, он ба Доранда баргардонида мешавад ва ё тибқи дастури ӯ ба дигар суратҳисоб интиқол дода мешавад.

## 12. ШАРТҲОИ ДИГАР

12.1. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои бонкӣ, ки ворид шудани маблағи пулиро ба суратҳисоб ё гирифтани маблағи пулиро аз суратҳисоб (ҳамчунин бо воситаи барномаи мобилии Эсхата онлайн) тасдиқ менамоянд, қувваи ҳуқуқӣ доранд.
12.2. Дар ҳолати аз суратҳисоб гирифтани маблағ ба андозаи мутаносибан зиёда аз 300000 (сесад ҳазор) сомонӣ, Амонатгузор Бонкро оиди гирифтани маблағи мазкур 5 (панҷ) рӯзи корӣ пеш, огоҳ менамояд.
12.3. Бо имзо кардани шартномаи мазкур, Амонатгузор изҳор мекунад, ки бо тарофаҳои Бонк, ки дар рӯзи бастани Шартномаи мазкур амал мекунад, шинос шудааст ва бо онҳо розӣ мебошад. Инчунин Амонатгузор розигии худро оид ба масъалаҳои зерин баён менамояд:
- бо воситаи хадамоти алоқа (почта) ва ё қосид (курьер) ирсол намудани огоҳинома ва хабарномаҳо ба макони зисти Амонатгузор новобаста аз ҳузури шахсии Амонатгузор ва аз ҷониби шахсони сеюм (хешу табори Амонатгузор) қабул намудани огоҳинома ва хабарномаҳо;
- барои аз ҷониби Бонк равона намудани «sms – иттилоот» (аз ҷумла иттилооти характери рекламавӣ дошта);
12.4. Тарофаҳо аз тарафи Бонк тариқи яктарафа, бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи Бонк **www.eskhata.com** на дертар аз 10 (Даҳ) рӯз пеш аз мавриди амал қарор гирифтани он, тағйир дода мешавад. Дар сурати норозигии Амонатгузор бо Тарофаҳои нав, ӯ ҳуқуқ дорад шартномаи мазкурро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур бекор кунад.
12.5. Шартномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои дар муносибати байни Амонатгузор ва Бонк истифодашавандае, ки ба тариқи электронӣ (бо истифодаи низомҳои Бонк) бо истифодаи имзои электронии одӣ аз ҷониби Амонатгузор ба Бонк равона карда мешаванд, ҳангоми натиҷаи мусбии аутентификатсия ва мушаххаскунии Амонатгузор, аз номи Амонатгузор фиристонида шуда ҳисоб меёбанд. Шартномаи мазкур ва замимаҳои он, ки бо имзои электронии одӣ имзо шудаанд дорои эътибори ҳуқуқии баробар бо ҳуҷҷати ҳомили қоғазии бо даст имзо карда, эътироф карда мешаванд.
12.6. Ҳамаи дигар шартҳое, ки дар шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешаванд.
12.7.Амонатгузор метавонад тавассути рақами телефонии **+992 44 6000600** ё рақами кӯтоҳи **808** ба сохтори масъули хизматрасонии Бонк, ки бо мизоҷон корбарӣ менамояд, муроҷиат намояд.
12.8. Амонатгузор бо меъёрҳо ва талаботҳои асосии Шартномаи мазкур ва замимаҳои он, ки дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ва ё барномаи мобилии “Эсхата онлайн” ҷойгир карда шудаанд шинос шавад, риоя кунад ва ҳангоми зарурият иттилооти мазкурро дар ҳомили қоғазӣ ё дар намуди электронӣ аз Бонк талаб кунад.

## 13. НИШОНИҲОИ ТАРАФҲО

### 13.1. “БОНК”

**Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата»**
Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ
аз 20-уми майи соли 2010. Муҳлати амали иҷозатнома - бемуҳлат.
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135
Хадамоти маълумотӣ (Маркази тамос): +992 44 6000600, рақами кӯтоҳи **808**
Суратҳисоби муросилотӣ: 20402972457071
РЯМ: 5110001371
РМА: 510004229
РМБ: 350501707
**Email: info2@eskhata.tj**

### 13.2. “АМОНАТГУЗОР”

Мушахассот ва нишонии Амонатгузор дар ариза-дархост пешбинӣ карда шудааст.

Замимаи №2

| ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ “БОНКИ ЭСХАТА” - УЗВИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО | ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН |
|---|---|
| Эсхата | |

## ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ БА ПАСАНДОЗДОР ОИДИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

| | |
|---|---|
| **Мизоҷи мухтарам,**<br><br>Тавассути «Варақаи иттилоотӣ»-и мазкур тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо», мо Шуморо оиди низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хабардор менамоем | Маълумот оиди ташкилоти қарзӣ:<br>ҶСК “Бонки Эсхата”, 735700, ш.Хуҷанд, кӯчаи Гагарина 135<br>РМА 510004229, РЯМ 5110001371<br>Телефон барои тамос: +992 44 600-0-600, рақами кутох:808<br>Ному насаби пасандоздор:<br>Ному насаби пасандоздор ва дигар маълумотҳои шахсӣ дар ариза-дархост (замимаи №1) зикр карда шудаанд.<br>Ҷой (*сарбонк, филиал*) ва сана:<br>Номгӯи воҳиди сохтории бонк, ки ба мизоҷ хизматрасонидааст, дар ариза-дархост (замимаи №1) зикр карда шудааст. |

### Маълумоти асосӣ оиди суғуртаи амонату пасандозҳои Шумо

Амонату пасандозҳои Шумо дар **ҶСК “Бонки Эсхата”** аз ҷониби **Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон** суғурта шудаанд

| | |
|---|---|
| Амонату пасандозҳои зерин дар ташкилоти қарзӣ суғурта шудаанд: | ✓ Амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштаи пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки бо шартномаҳои пасандози бонкӣ ва (ё) суратҳисобҳои амонатии бонкӣ, суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтӣ ва ё дафтарчаҳои амонатӣ тасдиқ карда шудаанд |
| Маблағи амонату пасандозҳои шахсон (пасандоздорон)-и зерин суғурта шудаанд: | ✓ Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ<br>✓ Шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ |
| Ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорон: | ✓ Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ* аз ҷониби Хазина ба пасандоздорон ҷуброни маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда кафолат дода мешавад<br><br>✓ Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда <u>35 000 сомониро</u> ташкил медиҳад |
| Ҷубронпулии суғурта бо кадом асъор пардохт карда мешавад: | ✓ Амонату пасандозҳое, ки бо пули миллӣ гузошта шудаанд, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд.<br>✓ Амонату пасандозҳое, ки бо асъори хориҷӣ гузошта шудаанд, аз рӯи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муқаррар карда шудааст, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд |
| Агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби амонату пасандозӣ дошта бошад: | ✓ Он гоҳ ҳамаи суратҳисобҳо якҷоя карда шуда, ҷубронпулӣ дар асоси маблағи умумии дар суратҳисобҳои амонату пасандозӣ мавҷудбуда ва на зиёда аз 35 000 сомонӣ пардохта карда мешавад |
| Мӯҳлати оғози пардохти ҷубронпулӣ ҳагоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ: | ✓ Хазина на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон оғоз менамояд |
| Суроғаи Хазина барои тамос: | Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 734061<br>кӯчаи Маяковский 77/2<br>Телефон: +992 (44) 600-66-00, 600-32-45<br>Почтаи электронӣ: info@idif.tj |
| Муфассалтар дар сомонаи Хазина: | www.idif.tj |

| | |
|---|---|
| Тасдиқи гирифтани варақаи иттилоотӣ аз ҷониби пасандоздор | Тасдиқ менамоям:<br>Мизоҷ бо гузоштани имзо дар ариза-дархост (Замимаи №1) бо замимаи мазкур шиносшудан ва гирифтанро тасдиқ менамояд. |

**Маълумоти иловагӣ**

**(1) Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**

* Ташкилоти қарзии Шумо ҶСК "Бонки Эсхата" иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) мебошад.
* Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо - ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст.
* Амонату пасандозҳои Шумо ба таври автоматӣ аз ҷониби Хазина ройгон бе ягон пардохти иловагӣ суғурта карда мешавад ва ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.
* Ҳолати суғуртавӣ - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад.

**(2) Ҷуброни пули суғуртаи амонату пасандозҳо**

* Фоизҳои амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешаванд. Агар тибқи шартномаи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ сармоякунонии фоизҳо пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ ҷубронпулӣ аз рӯйи маблағи бақияи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ пардохт карда мешавад
* Агар ба санаи ба вуқуъоии ҳолати суғуртавӣ маблағи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ аз андозаи ҷубронпулӣ (35 000 сомонӣ) зиёд бошад, он гоҳ баъди гирифтани ҷубронпулӣ маблағи боқимондаи пасандоздор мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мудири махсус (барҳамдиҳандаа)-и ташкилоти қарзии барҳамдодашуда пардохт карда мешавад.
* Агар ҳолати суғуртавӣ дар якчанд ташкилоти қарзӣ фаро расад, ки дар онҳо пасандоздор суратҳисобҳои амонату пасандозӣ дорад, он гоҳ андозаи ҷубронпулии суғурта барои ҳар як ташкилоти қарзӣ алоҳида ҳисоб карда мешавад.

**(3) Пардохти ҷубронпулии суғурта**

* Хазина ташкилоти қонунан ваколатдор барои пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мебошад.
* Пардохти ҷубронпулии суғурта на дертар аз 14 рӯз пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ оғоз мегардад. Пардохти ҷубронпулии суғурта тавассути бонк-агент дар асоси аризаи пасандоздор дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағ ба суратҳисоби нишондодаи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ анҷом дода мешавад.

Муҳтарам пасандоздор! Барои дарёфти маълумоти муфассалтар аз сомонаи расмии Хазина истифода баред: www.idif.tj

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН – КАФОЛАТИ ҶУБРОНИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ШУМО!**